# ҶСК "АЛИФ БОНК"

**Ҳисоботи молиявӣ**
барои соле, ки 31 декабри соли 2021 анҷом ёфтааст

**ва Ҳисоботи аудитори мустақил**

# ҶСК "АЛИФ БОНК"

## МУНДАРИҶА

Саҳифа


| | |
|---|---|
| ИЗҲОРОТИ РОҲБАРИЯТ ОИДИ МАСЪУЛИЯТИ ОМОДА ВА ТАСДИҚ КАРДАНИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2021 АНҶОМ ЁФТААСТ | 1 |
| ҲИСОБОТИ АУДИТОРИ МУСТАҚИЛ | 2-3 |
| ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2021 АНҶОМ ЁФТААСТ | |
| Ҳисобот оиди фоида ё зарар ва дигар даромади умумӣ | 4 |
| Ҳисобот оиди вазъи молиявӣ | 5 |
| Ҳисобот оиди тағйирёбии сармоя | 6 |
| Ҳисобот оиди гардиши воситаҳои пулӣ | 7-8 |
| Эзоҳот ба ҳисоботи молиявӣ | 9-87 |

## ҶСК "АЛИФ БОНК"

### ИЗҲОРОТИ РОҲБАРИЯТ ОИДИ МАСЪУЛИЯТИ ОМОДА ВА ТАСДИҚ КАРДАНИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2021 АНҶОМ ЁФТААСТ

Роҳбарият барои таҳияи ҳисоботи молиявӣ, ки вазъи молиявии ҶСК "Алиф Бонк"-ро (минбаъд "Бонк") дар санаи 31 декабри соли 2021, натиҷаи фаъолият, гардиши воситаҳои пулӣ ва тағйирёбии сармояи онро барои соле, ки дар ин сана анҷом ёфтааст, мувофиқи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (минбаъд - СБҲМ) боэътимодона инъикос менамояд, масъул аст.

Ҳангоми таҳияи ҳисоботи молиявӣ Роҳбарият масъул аст барои:

- интихоби усулҳои баҳисобгирии муҳосибии муносиб ва истифодаи пайдарҳами онҳо;
- мулоҳизаҳо ва тахминкунии асоснок ва оқилона;
- изҳорот оиди риоя намудани талаботи СБҲМ, бо назардошти ҳама гуна тафовути ҷиддие, ки дар ҳисоботи молиявӣ эзоҳ ва шарҳ дода шудаанд; ва
- омодакунии ҳисоботи молиявӣ аз нуқтаи назари қобилияти Бонк барои давом додани фаъолият дар ояндаи дидашаванда, ба истиснои ҳолатҳое, ки агар тахмин кардани чунин қобилият дар ояндаи дидашаванда ғайриимкон бошад.

Роҳбарият масъул аст барои:

- таҳия, татбиқ ва таъмини низоми назорати дохилии самаранок ва боваринок дар тамоми Бонк;
- пеш бурдани низоми баҳисобгирии муҳосибие, ки вазъи молиявии Бонкро ба дараҷаи кофӣ аниқ дар ҳар лаҳза эзоҳ менамояд ва имконияти мутобиқати ҳисоботи молиявии Бонкро ба талаботи СБҲМ таъмин менамояд;
- пеш бурдани низоми баҳисобгирии муҳосибӣ тибқи қонунгузорӣ ва талаботи баҳисобгирии муҳосибии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талаботи Бонки миллии Тоҷикистон;
- андешидани чораҳое, ки барои ҳифзи дороиҳои Бонк ба таври оқилона дастрасанд; ва
- ошкор ва пешгирии воқеаҳои амалиёти мусоҳилакоронаи молиявӣ ва дигар суистифодаҳо.

Ҳисоботи молиявии мазкур барои соле, ки 31 декабри соли 2021 анҷом ёфтааст, аз ҷониби Роҳбарияти Бонк дар санаи 30 апрели соли 2022 тасдиқ карда шудаанд.

**Аз номи Роҳбарияти Бонк:**

| | |
|---|---|
| **Қурбонов Абдулло** | **Комрон Рустамов** |
| **Раис** | **и.в. Сармуҳосиб** |

30 апрели соли 2022
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

bakertilly
куч. Бохтар 37/1 офис 501
ш. Душанбе, 734025
Чумҳурии Тоҷикистон
T: + 992 (44) 600 46 55
contact@bakertilly.tj
www.bakertilly-ca.com

# ҲИСОБОТИ АУДИТОРИ МУСТАҚИЛ

Ба Саҳҳомон, Шӯрои нозирон ва Роҳбарияти ҶСК "Алиф Бонк"

## Хулосаи аудитор

Мо санҷиши аудитории ҳисоботи молиявии ҶСК "Алиф Бонк"-ро (дар оянда «Бонк») гузаронидем, ки аз ҳисобот оиди ҳолати молиявӣ ба санаи 31 декабри соли 2021, ҳисобот оиди фоида ё зарар ва дигар даромади умумӣ, ҳисобот оиди тағйирёбии сармоя ва ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ ва инчунин эзоҳот ба ҳисоботи молиявӣ, аз ҷумла маълумоти кӯтоҳ дар бораи сиёсати ҳисобдорӣ, иборат мебошад.

Ба ақидаи мо, ҳисоботи замимашудаи молиявии мазкур аз ҳама ҷиҳатҳо вазъи молиявии Бонкро дар санаи 31 декабри соли 2021 ва инчунин натиҷаи фаъолият ва ҳаракати воситаҳои пулии онро барои соле, ки дар санаи зикршуда ба охир расид, мувофиқи Стандартҳои Байналмиллалии Ҳисоботи Молиявӣ (СБҲМ) дуруст инъикос менамояд.

## Асос барои Хулосаи аудитор

Мо санҷиши аудиториро мувофиқи Стандартҳои байналмиллалии аудиторӣ («СБА») гузаронидем. Масъулияти мо мувофиқи ин стандартҳо дар бахши «Масъулияти аудитор барои санҷиши аудитории ҳисоботҳои молиявӣ»-и ҳисоботамон ошкор шудааст. Мо мувофиқи талаботи Кодекси ахлоқи аудиторони касбӣ, ки аз тарафи Шӯрои стандартҳои байналмилалии ахлоқ барои муҳосибон тасдиқ шудааст («Кодекси ШСБАМ»), дар якҷоягӣ бо талаботи ахлоқӣ, ки ба аудити ҳисоботи молиявии мо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дахлдор мебошанд аз Бонк мустақил мебошем, ва мо инчунин дигар талаботҳои ахлоқиро низ мувофиқи ин талаботҳо ва Кодекси ШСБАМ иҷро намудаем. Мо боварӣ дорем, ки далелҳои аудиторие, ки мо дастрас намудем барои изҳори хулосаи мо асоси кифоя ва муносиб мебошанд.

## Масъулияти роҳбарият ва шахсони масъул нисбати идоракунии корпоративӣ ва ҳисоботи молиявӣ

Роҳбарият барои омодакунии ҳисоботи молиявӣ ва мутобиқати он ба СБҲМ, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талаботҳои Бонки миллии Тоҷикистон масъулият ба зимма дорад. Масъулияти мазкур инҳоро дар бар мегирад: таъсис додан, татбиқ намудан ва дастгирӣ кардани назорати дохилӣ аз рӯи омодакунӣ ва аниқу воқеӣ пешниҳод кардани ҳисоботи молиявӣ бидуни таҳрифи назаррасе, ки дар натиҷаи сӯиистифодаи молиявӣ ва хатоҳо ба амал омада бошанд. Дар омодакунии ҳисоботи молиявӣ роҳбарият оиди баҳогузории қобилияти Бонк барои фаъолияти қатънашаванда, ошкоркунии масъалаҳои ба фаъолияти қатъношаванда татбиқкунанда, истифодаи принсипҳои асосии баҳисобгирии Ташкилотҳои фаъолияташон қатънашаванда масъулиятнок мебошад, танҳо ба истисноии мавридҳое, ки роҳбарият нияти барҳамдихии Бонк, қатъ намудани амалиётҳо ё бе мавҷудияти ягон асоси воқеӣ ба ҳамин тавр рафтор карданро дошта бошад. Шахсони масъул нисбати идоракунии корпоративӣ ҳамчунин барои назорати ҷараёни ҳисоботи молиявии Бонк масъулиятнок ба ҳисоб меравaнд.

## Масъулияти аудиторон нисбати аудити ҳисоботи молиявӣ

Мо аудитро бо мақсади ба даст овардани эътимоди қавӣ бобати он ки ҳисоботи молиявӣ таҳрифоти назаррас надорад, амалӣ намудаем ва ҳисоботи молиявии ки ақидаҳои моро ироз менамоянд, пешниҳод менамоем. Боварии қатъӣ сатҳи баланди боварӣ мебошад, лекин кафолат намедиҳад, ки аудит дар асоси СБА ҳамеша таҳрифоти назаррасро ошкор месозад. Таҳрифоти назарраси ҳисоботи молиявӣ дар натиҷаи сӯиистифодаи молиявӣ ва ё содир намудани хатоҳо ба амал омада, дар мавриде назаррас ҳисобида мешавад, агар онҳо дар алоҳидагӣ ё ҳамбастагӣ тавонанд ба қарорҳои иқтисодии шахсони ба таҳияи ҳисоботи молиявӣ машғул буда, таъсир расонанд

Дар доираи гузаронидани аудит мутобиқи СБА мо тибқи доварии касбӣ амал намуда, скептисизми касбиро дар тамоми муддати тафтиши аудиторӣ таъмин менамоем. Мо инчунин:

(а) • таҳрифоти назаррас дар ҳисоботи молиявӣ, ки дар натиҷаи сӯиистифодаи молиявӣ ва хатоҳо ба амал меоянд муайян ва баҳоргузорӣ намудем, расмиёти аудити ба чунин хавфҳо ҷавобгӯро таҳия ва иҷро намудем, инчунин далелҳое, ки барои ифода намудани ақидаи аудиторӣ кофӣ ва заруранд дастрас намудем. Хавфи муайян накардани таҳрифоти назаррасе, ки дар натиҷаи роҳ додан ба хатогиҳо, инчунин, сӯиистифодаи молиявӣ ба миён меоянд, метавонад маслиҳатӣ, сохтакорӣ, таҳрифоти қасдан, ё пешгӯии назорати дохилиро дар бар гирад;

(б) • фаҳмиши назорати дохилии марбут ба аудитро бо мақсади таҳияи тартиби аудити шароити мувофиқ, на бо мақсади изҳори андеша оид ба самаранокии назорати дохилӣ Бонк, дастрас намудем;

(в) • бамавқеъ будани сиёсати баҳисобгирии истифодашаванда, асоснок будани амалҳои роҳбарият ва баҳогузории пешниҳоди ҳисоботи молиявиро арзёбӣ намудем;

(г) • доир ба мувофиқи мақсад истифода намудани асосҳои баҳисобгирии фаъолияти қатънашаванда аз тарафи роҳбарият дар асоси далелҳои аудит ба даст оварда шуда, мавҷудияти номуайянии моддӣ вобаста ба воқеаҳо ва ё шароитхое, ки метавонанд шубҳаи назаррасро оиди қобилияти Бонк ба фаъолияти қатънашаванда ба миён андозанд хулосадиҳӣ намудем. Агар мо оиди мавҷудияти номуайянии моддӣ хулоса барорем, ба мо лозим аст дар ҳисоботи аудитории худ диққатро доир ба эзоҳоти марбут ба ҳисоботи молиявӣ талаб намоем, ё дар мавриди нокифоя будани эзоҳоти марбут, андешаи худро тағйир диҳем. Хулосаҳои мо бо далелҳои аудитории дастраснамуда ба санаи пешниҳоди ҳисоботи аудиторӣ асос ёфтаанд. Бо вуҷуди ин, воқеаҳо ва ё шароитҳои оянда метавонанд сабабгори ба итмом расидани фаъолияти қатъншандаи Бонк гарданд;

(д) • пешниҳоди умумӣ, сохтор ва мазмуни ҳисоботи молиявӣ, аз ҷумла эзоҳотро арзёбӣ намудем ва мувофиқаткунии пешниҳоди амалиётҳои асосӣ ва чорабиниҳо аз тарафи ҳисоботи молиявиро нисбат ба пешниҳоди одилона муайян намудем.

Мо ба шахсони масъули рохбарикунандаи Бонк маълумотро оиди банақшагирии хачм ва мӯҳлати гузаронидани санҷиши аудиторӣ ва инчунин мушоҳидаҳои муҳими аудит, аз ҷумла норасоиҳои назарраси низоми назорати дохилӣ, ки мо дар рафти санҷиши аудиторӣ ошкор намудаем, мерасонем.

Мо инчунин ба шахсони масъули идоракунӣ изҳорот медиҳем, ки мо тамоми талаботи ахлоқии марбут ба мустақилиятро риоя кардем ва ба онҳо ҳама муносибатҳо ва дигар масъалаҳоеро, ки метавонанд ба таври оқилона ба мустақилияти аудитор таъсир расонанд ва дар ҳолатҳои зарурӣ, ҳама чораҳои эҳтиётии дахлдорро хабар додем.

Фирдавс Хайруллоев
Директор, ҶДММ «Бейкер Тилли Тоҷикистон»

Иҷозатнома № 000014 ки аз ҷониби
Бонки миллии Тоҷикистон дода шудааст

30 апрели соли 2022
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ҶСК "АЛИФ БОНК"

## ҲИСОБОТ ОИДИ ФОИДА Ё ЗАРАР ВА ДИГАР ДАРОМАДИ УМУМӢ БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2021 АНҶОМ ЁФТААСТ

*(бо ҳазор сомонӣ)*

| | Эзоҳот | Барои соле, ки 31 декабри соли 2021 анҷом ёфтааст | Барои соле, ки 31 декабри соли 2020 анҷом ёфтааст (азнавҳисоб-кардашуда*) |
|---|---|---|---|
| Даромади фоизӣ | 6 | 83,499 | 37,982 |
| Хароҷоти фоизӣ | 6 | (25,239) | (7,987) |
| **Даромади софи фоизӣ то таъсири хароҷот аз руи талафоти қарзӣ** | | **58,260** | **29,995** |
| Ташаккули захира аз руи талафоти қарзӣ | 13 | (7,718) | (2,547) |
| **Даромади софи фоизӣ** | | **50,542** | **27,448** |
| Даромад аз хизматрасонӣ ва комиссия | 7 | 16,464 | 7,141 |
| Хароҷоти хизматрасонӣ ва комиссия | 7 | (20,428) | (7,387) |
| **Даромади соф аз хизматрасонӣ ва комиссия** | | **(3,964)** | **(246)** |
| (Зарар)/фоидаи соф аз воситаҳои молиявии деривативӣ | | (5,673) | 21 |
| Даромади соф аз амалиёт бо асъори хориҷӣ | 8 | 18,818 | 15,371 |
| Ташаккули захира аз руи амалиёти дигар | | (469) | (521) |
| Дигар (хароҷот)/даромад | | (341) | 548 |
| **Дигар даромади ғайрифоизӣ** | | **12,335** | **15,419** |
| **Даромади амалиётӣ** | | **58,913** | **42,621** |
| Хароҷоти амалиётӣ | 9 | (74,285) | (35,362) |
| **(Зарар) / даромад то андозбандӣ** | | **(15,372)** | **7,259** |
| Хароҷоти андоз аз фоида | 10 | (38) | (3,444) |
| **(ЗАРАР) / ФОИДАИ СОФИ СОЛ** | | **(15,410)** | **3,815** |
| **(ЗАРАР) / ДАРОМАДИ УМУМИИ СОЛ** | | **(15,410)** | **3,815** |
| Фоида аз руи саҳмия, оддӣ ва тақсимшуда (бо сомонӣ) | 24 | (234.2) | 76.3 |

* ниг. ба Эзоҳи 5 ба ҳисоботи молиявии мазкур.

**Аз номи Роҳбарияти Бонк:**

**Қурбонов Абдулло**
**Раис**

**Компрон Рустамов**
**и.в. Сармуҳосиб**

30 апрели соли 2022
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон



Эзоҳот дар саҳифаҳои 9-87 қисми ҷудонопазири ҳисоботи молиявии мазкур мебошад.

## ҶСК "АЛИФ БОНК"

## ҲИСОБОТ ОИДИ ВАЗЪИ МОЛИЯВӢ ДАР САНАИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2021

*(бо ҳазор сомонӣ)*

| | Эзоҳот | 31 декабри соли 2021 | 31 декабри соли 2020 (азнавҳисоб-кардашуда*) | 1 январи соли 2020 (азнавҳисоб-кардашуда*) |
|---|---|---|---|---|
| **ДОРОИҲО** | | | | |
| Воситаҳои пулӣ ва ҳамарзишҳои онҳо | 11 | 130,914 | 49,437 | 14,557 |
| Воситаҳои пулии барои истифода маҳдуд | 12 | 28,795 | 2,774 | 2,416 |
| Қарзҳо ба мизоҷон | 13 | 389,461 | 204,073 | 99,349 |
| Воситаҳои асосӣ | 14 | 23,868 | 10,348 | 6,196 |
| Дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифодабарӣ | 15 | 29,099 | 27,423 | 5,816 |
| Дороиҳои ғайримоддӣ | 16 | 15,348 | 8,272 | 4,044 |
| Дороиҳои мавқуфгузошташудаи андоз аз | 10 | 13,452 | 6,637 | 2,555 |
| Дигар дороиҳо | 17 | 24,630 | 6,854 | 2,950 |
| Дороиҳои барои фурӯш нигоҳдошташуда | | - | - | 18,863 |
| **ҲАМАГӢ ДОРОИҲО** | | 655,567 | 315,818 | 156,746 |
| **ӮҲДАДОРИҲО ВА САРМОЯ** | | | | |
| ӮҲДАДОРИҲО: | | | | |
| Маблағҳои бонкҳо ва дигар ташкилотҳои молиявӣ | 18 | 7,621 | 2,395 | 217 |
| Амонатҳои мизоҷон | 19 | 350,861 | 145,264 | 43,095 |
| Ӯҳдадориҳои иҷоравӣ | 15 | 33,829 | 28,767 | 5,786 |
| Қарзҳо барои пардохт | 20 | 120,633 | 63,179 | 27,229 |
| Қарзҳои субординарӣ | 21 | 28,366 | - | 1,449 |
| Ӯҳдадориҳои андоз аз фоидаи ҷорӣ | | 1,139 | 7,784 | 3,295 |
| Дигар ӯҳдадориҳо | 22 | 23,490 | 10,540 | 4,719 |
| Ӯҳдадориҳое, ки бевосита ба дороиҳои барои фурӯш нигоҳдошташуда алоқаманданд | | - | - | 18,046 |
| **Ҳамагӣ уҳдадориҳо** | | 565,939 | 257,929 | 103,836 |
| САРМОЯ: | | | | |
| Сармояи саҳомӣ | 23 | 95,282 | 50,000 | 50,000 |
| Сармояи изофа | | 2,996 | 1,129 | - |
| Захираҳои умумӣ | | 6,369 | 2,439 | 1,869 |
| Захира барои ҳолатҳои ғайричашмдошт | | 240 | 30 | - |
| Фарқияти қурбӣ аз азнавҳисобкунии фаъолияти ширкатҳои хориҷӣ ба асъори ҳисоботӣ | | - | - | (35) |
| (Зарари ҷамъшуда)/фоидаи тақсимнашуда | | (15,259) | 4,291 | 1,076 |
| **Ҳамагӣ сармоя** | | 89,628 | 57,889 | 52,910 |
| **ҲАМАГӢ ӮҲДАДОРИҲО ВА САРМОЯ** | | 655,567 | 315,818 | 156,746 |

* ниг. ба Эзоҳи 5 ба ҳисоботи молиявии мазкур.

**Аз номи Роҳбарияти Бонк:**

**Қурбонов Абдулло**
**Раис**

**Комрон Рустамов**
**и.в. Сармуҳосиб**

30 апрели соли 2022
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ҲИСОБОТ ОИДИ ТАҒЙИРЁБИИ САРМОЯ
## БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2021 АНҶОМ ЁФТААСТ

*(бо ҳазор сомонӣ)*

| | Эзоҳот | Сармояи саҳомӣ | Сармояи изофа | Захираҳои умумӣ | Захира барои ҳолатҳои ғайрича шмдошт | Фарқияти қурбӣ аз азнавҳисоб-кунии фаъолия-ти ширкатҳои хориҷӣ ба асъори ҳисоботӣ | (Зарари ҷамъшуда) / фоидаи тақсим-нашуда | Ҳамагӣ сармоя |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Дар санаи 1 январи соли 2020** (азнавҳисобкардашуда*) | | **50,000** | | **1,869** | **-** | **(35)** | **1,076** | **52,910** |
| Ташаккули захираи умумӣ | | - | - | 570 | - | - | (570) | - |
| Ташаккули захира барои ҳолатҳои ғайричашмдошт | | - | - | - | 30 | - | (30) | - |
| Аз ҳисоб баровардани корхонаи фаръӣ | | - | - | - | - | 35 | - | 35 |
| Пардохтҳо дар асоси саҳмияҳо аз ҷониби ташкилоти модарӣ | 10 | - | 1,129 | - | - | - | - | 1,129 |
| Фоидаи софи сол | | - | - | - | - | - | 3,815 | 3,815 |
| **Дар санаи 31 декабри соли 2020** (азнавҳисобкардашуда*) | | **50,000** | **1,129** | **2,439** | **30** | **-** | **4,291** | **57,889** |
| Баровардани саҳмияҳо | 23 | 45,282 | 1 | - | - | - | - | 45,283 |
| Ташаккули захираи умумӣ | | - | - | 3,930 | - | - | (3,930) | - |
| Ташаккули захира барои ҳолатҳои ғайричашмдошт | | - | - | - | 210 | - | (210) | - |
| Пардохтҳо дар асоси саҳмияҳо аз ҷониби ташкилоти модарӣ | 10 | - | 1,866 | - | - | - | - | 1,866 |
| Зарари софи сол | | - | - | - | - | - | (15,410) | (15,410) |
| **Дар санаи 31 декабри соли 2021** | | **95,282** | **2,996** | **6,369** | **240** | **-** | **(15,259)** | **89,628** |

* ниг. ба Эзоҳи 5 ба ҳисоботи молиявии мазкур.

**Аз номи Роҳбарияти Бонк:**

**Қурбонов Абдулло**
**Раис**

**Компон Рустамов**
**и.в. Сармуҳосиб**

30 апрели соли 2022
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ҶСК "АЛИФ БОНК"

## ҲИСОБОТ ОИДИ ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2021 АНҶОМ ЁФТААСТ

*(бо ҳазор сомонӣ)*

| | Эзоҳот | Барои соле, ки 31 декабри соли 2021 анҷом ёфтааст | Барои соле, ки 31 декабри соли 2020 анҷом ёфтааст (азнавҳисоб-кардашуда*) |
|---|---|---|---|
| **ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ АМАЛИЁТӢ:** | | | |
| Фоиз ва комиссияи аз руи қарзҳо ба мизоҷон гирифташуда | | 99,834 | 44,418 |
| Фоиз ва комиссияи аз руи амонатҳои мизоҷон пардохташуда | | (11,667) | (2,671) |
| Фоиз ва комиссияи аз руи қарзҳо барои пардохт пардохташуда | | (7,463) | (3,096) |
| Фоиз ва комиссияи аз руи қарзҳои субординарӣ пардохташуда | | (735) | (91) |
| Ҳаққи хизматрасонӣ ва комиссияи гирифташуда | | 16,464 | 7,141 |
| Ҳаққи хизматрасонӣ ва комиссияи пардохташуда | | (20,428) | (7,387) |
| Музди меҳнат ва андозҳои ба он марбути пардохташуда | | (33,110) | (15,945) |
| Дигар хароҷоти амалиётии пардохташуда | | (29,110) | (13,258) |
| Дигар даромади гирифташуда | | 317 | 604 |
| Пардохтҳои дар асоси шартномаҳои деривативӣ (анҷом додашуда) / гирифташуда | | (5,673) | 21 |
| Даромади софи аз амалиёт бо асъори хориҷии гирифташуда | | 19,079 | 16,368 |
| Гардиши воситаҳои пулӣ пеш аз тағйирот дар дороиҳо ва ӯҳдадориҳои амалиётӣ | | **27,508** | **26,104** |
| Тағйирот дар дороиҳо ва ӯҳдадориҳои амалиётӣ: | | | |
| (Зиёдшавии)/камшавии захираҳои ҳатмӣ | | (19,836) | (109) |
| (Зиёдшавии)/камшавии дигар воситаҳои пулии барои истифода маҳдуд | | (6,215) | - |
| (Зиёдшавии)/камшавии қарзҳо ба мизоҷон | | (209,434) | (109,211) |
| (Зиёдшавии)/камшавии дигар дороиҳо | | (653) | (2,496) |
| Зиёдшавии /(камшавии) маблағҳои бонкҳо ва дигар ташкилотҳои молиявӣ | | 5,091 | 2,167 |
| Зиёдшавии /(камшавии) амонатҳои мизоҷон | | 203,799 | 95,883 |
| Зиёдшавии /(камшавии) дигар ӯҳдадориҳо | | 13,093 | 5,657 |
| Воридоти воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ то андозбандӣ | | **13,353** | **17,995** |
| Андоз аз фоидаи пардохташуда | | (13,498) | (3,038) |
| **(Содирот)/воридоти софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ** | | **(145)** | **14,957** |
| **ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ САРМОЯГУЗОРӢ:** | | | |
| Хариди воситаҳои асосӣ | 14 | (12,832) | (1,504) |
| Пешпардохт барои дороиҳои дарозмуддат | | (23,077) | (6,308) |
| Маблағҳои пулии барои дороиҳои ғайримоддии дохилии таҳияшуда сарф кардашуда | 16 | (10,638) | (5,656) |
| **Содироти софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ** | | **(46,547)** | **(13,468)** |



Эзоҳот дар саҳифаҳои 9-87 қисми ҷудонопазири ҳисоботи молиявии мазкур мебошад.

## ҶСК "АЛИФ БОНК"

## ҲИСОБОТ ОИДИ ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ (ДАВОМ) БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2021 АНҶОМ ЁФТААСТ

*(бо ҳазор сомонӣ)*

| | Эзоҳот | Барои соле, ки 31 декабри соли 2021 анҷом ёфтааст | Барои соле, ки 31 декабри соли 2020 анҷом ёфтааст (азнавҳисоб-кардашуда*) |
|---|---|---|---|
| **ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВӢ:** | | | |
| Баровардани саҳмияҳо | 23 | 45,283 | - |
| Қарзҳои субординарии гирифташуда | | 50,868 | - |
| Пардохти қарзҳои субординарӣ | | (22,619) | (1,449) |
| Қарзҳо барои пардохти гирифташуда | | 188,503 | 82,532 |
| Пардохти қарзҳо барои пардохт | | (131,185) | (46,682) |
| Пардохти ӯҳдадориҳои иҷоравӣ | | (2,266) | (2,246) |
| **Воридоти софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ** | | 128,584 | 32,155 |
| АФЗОИШИ СОФИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ВА ҲАМАРЗИШҲОИ ОНҲО | | 81,892 | 33,644 |
| Таъсири тағйирёбии қурби асъори хориҷӣ ба воситаҳои пулӣ ва ҳамарзишҳои онҳо | | (415) | 1,236 |
| **ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ВА ҲАМАРЗИШҲОИ ОНҲО, дар аввали сол** | **11** | **49,437** | **14,557** |
| **ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ВА ҲАМАРЗИШҲОИ ОНҲО, дар охири сол** | **11** | **130,914** | **49,437** |

* ниг. ба Эзоҳи 5 ба ҳисоботи молиявии мазкур.

**Аз номи Роҳбарияти Бонк:**

**Қурбонов Абдулло**
**Раис**

**Комрон Рустамов**
**и.в. Сармуҳосиб**

30 апрели соли 2022
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон